Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28 феврали соли 2025, № 144
тасдиқ шудааст

# БАРНОМАИ ОМӮЗИШИ КАСБӢ ВА БО ҶОЙИ КОР ТАЪМИН НАМУДАНИ МАҲКУМШУДАГОН ВА ШАХСОНИ АЗ АДОИ ҶАЗО ОЗОДШУДА БАРОИ СОЛҲОИ 2025-2030

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Барномаи омӯзиши касбӣ ва бо ҷойи кор таъмин намудани маҳкумшудагон ва шахсони аз адои ҷазо озодшуда барои солҳои 2025-2030 (минбаъд – Барномаи мазкур) бо мақсади фароҳам овардани шароит ва муҳайё намудани имконият барои ба касбомӯзӣ ва бо шуғл фаро гирифтани маҳкумшудагон ва шахсони аз адои ҷазо озодшуда таҳия шудааст.
2. Дар шароити имрӯза ислоҳ ва тарбияи солими маҳкумшудагон, паст намудани сатҳи ҷинояткорӣ, такрори ҷиноят ва ҳамгироии маҳкумшудагон ба ҷомеа яке аз вазифаҳои муҳимми давлат мебошад.
3. Барномаи мазкур ҷиҳати таъмини босифати омӯзиш, ба касбу кори гуногун ҷалб намудани маҳкумшудагон ва шахсони аз адои ҷазо озодшуда ва беҳтар намудани шароити иқтисодию иҷтимоии онҳо таҳия шудааст.

## 2. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ БАРНОМАИ МАЗКУР

4. Мақсади Барномаи мазкур аз касбомӯзӣ ва бо ҷойи кор таъмин намудани маҳкумшудагон ва соҳиби касби муносиб гаштани шахсони аз адои ҷазо озодшуда, ба ҷараёни ислоҳшавӣ таъсири мусбат расонда, беҳтар намудани вазъи иқтисодию иҷтимоии онҳо, инчунин пешгирии такроран содир намудани ҷиноят иборат мебошад.
5. Барои ноил шудан ба мақсадҳои мазкур бояд вазифаҳои зерин иҷро карда шаванд:
   - таҳияи нақша ва барномаҳои таълимии касбҳои гуногун, дастурҳои таълимию методӣ ва ба касбомӯзӣ ҷалб намудани маҳкумшудагон ва шахсони аз адои ҷазо озодшуда вобаста ба талаботи бозори меҳнат;
   - бо ҷойи кор таъмин намудани маҳкумшудагон ва шахсони аз адои ҷазо озодшуда бо дарназардошти талабот ва фарогирандаи бозори муосир;
   - муайян намудан ва амалисозии механизми омӯзиши касбӣ ва бо ҷойи кор таъмин намудани маҳкумшудагон ва шахсони аз адои ҷазо озодшуда дар ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдори давлатӣ, корхона, муассиса, ташкилотҳои дигар ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ;
   - ба касбомӯзӣ фаро гирифтани маҳкумшудагон ва шахсони аз адои ҷазо озодшуда тавассути муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаи касбӣ ва инчунин марказҳои таълимии калонсолон;
   - ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба бознигарии музди меҳнати маҳкумшудагон;
   - дастгирии иҷтимоӣ бо мақсади таъсир расондан ба раванди ислоҳи маҳкумшудагон ва шахсони аз адои ҷазо озодшуда;
   - мусоидат ҷиҳати бо кортаъминкунӣ ва пардохти кумакпулӣ ба шахсони аз адои ҷазо озодшуда дар давраи бекорӣ;
   - таъсис додани литсейҳои касбии техникӣ, марказҳои таълимӣ ва коргоҳҳои истеҳсолӣ дар муассисаҳои низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;
   - ҷалби бештари маҳкумшудагон ва шахсони аз адои ҷазо озодшуда ба касбомузӣ ва таъмин намудани онҳо бо кори музднок.

## 3. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ҶОРӢ

6. Меҳнати маҳкумшудагон ба фаъолияти муътадили муассисаи ислоҳӣ дар шароити муосир, қонеъ гардондани талаботи худи маҳкумшудагон, соҳиби касби муайян гардидани онҳо, кумак расондан ба оила ва ҷамъоварии пасандози зарурӣ барои ҳамгирой ва ҷобаҷошавии онҳо баъди адои ҷазо имконият медиҳад.

7. Сохтори Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои 19 муассисаи низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ буда, аз ин дар ду муассисаи ислоҳӣ литсейи касбии техникӣ фаъолият доранд, ки дар онҳо маҳкумшудагон таҳсил менамоянд.

8. Литсейҳои касбии техникӣ дар дохили Муассисаи ислоҳии №4 шаҳри Душанбе ва Муассисаи ислоҳии №2 шаҳри Ваҳдат ҷойгир гардида, дар онҳо зиёда аз 350 маҳкумшуда таҳсил менамояд.

9. Соли 2023 дар муассисаи ислоҳии №1 ва №6 филиали литсейҳои касбии техникӣ таъсис дода шуда, дар айни ҳол ба фаъолият шурӯъ намудаанд.

10. Солҳои 2021-2022 бо ҷалби сармоягузорон ва шахсони саховатманд азнавсозии куллии бинову иншооти литсейи касбии техникии Муассисаи ислоҳии №2 шаҳри Ваҳдат бо риояи меъёру қоидаҳои муқарраргардида бо тарзи замонавӣ гузаронида шуда, ҳуҷраҳои корӣ ва синфхонаҳо бо дастгоҳу таҷҳизот ва мебелҳои мувофиқ муҷаҳҳаз гардонида шуданд.

11. Бинову иншооти литсейи касбии техникии Муассисаи ислоҳии №4 шаҳри Душанбе дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, ба таъмири асосӣ ниёз дорад. Новобаста ба ин, бинобар доштани эҳтиёҷоти зиёд, дар муассисаи мазкур литсейи касбии техникӣ фаъолият намуда истодааст.

12. Таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва омӯзиши ихтисосии маҳкумшудагон ба раванди ислоҳшавӣ ва ҳамгироии муваффақонаи онҳо нақши муҳим дошта, ба коҳиш додани такрори содиршавии ҷиноят мусоидат менамояд. Дар ин раванд, ба масъалаи ташкил ва баргузории курсҳои омӯзишии касбӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир гардида, пайваста чораҳои зарурӣ андешида мешавад.

13. Дар Муассисаи ислоҳии №6 (ноҳияи Ёвон) ва Муассисаи ислоҳии №8 (шаҳри Норак) 10 курси омӯзиши касбҳои кафшегар, дуредгар, дӯзанда, қаннод ва сартарош бо ҷалби 129 маҳкумшуда, дар Муассисаи ислоҳии сукунатии №10 (шаҳри Ваҳдат) ва Муассисаи тарбиявии №12 (шаҳри Душанбе) 10 курси омӯзиши касбҳои нонпаз, қаннод, челонгар ва сартарош бо ҷалби 158 маҳкумшуда ташкил ва баргузор карда шуд, ки баъди хатми курсҳои мазкур онҳо соҳиби шаҳодатнома гардиданд.

14. Барои ба касбу ҳунар фаро гирифтани маҳкумшудагон ва ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани заминаи моддию техникӣ, таълимию истеҳсолӣ, таҳияи дастурҳои нави таълимӣ ва муҷаҳҳазгардонӣ бо дастгоҳу таҷҳизоти нави замонавӣ лозим аст.

## 4. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ БАРНОМАИ МАЗКУР

15. Такмили қонунгузории миллӣ ба раванди ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ заминаи ҳуқуқӣ муҳайё менамояд. Бо мақсади мутобиқнамоии қонунгузорӣ ба меъёрҳо ва стандартҳои байналмилалӣ, тавассути ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ», «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда», инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон чораандешӣ карда шуда, амалӣ намудани чорабиниҳои зерин ба нақша гирифта мешавад:

- амалисозии чорабиниҳои зарурӣ баҳри беҳтар намудани вазъи иқтисодию иҷтимоии маҳкумшудагон ва шахсони аз адои ҷазо озодшуда ва дар ин замина амалӣ намудани сиёсати ислоҳи онҳо;
- тайёрии касбӣ ва бо ҷойи кор таъмин намудани маҳкумшудагон ва шахсони аз адои ҷазо озодшуда бо риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст;

- ташкили курсҳои касбомӯзӣ барои маҳкумшудагон дар муассисаҳои низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;
- ташкил намудани курсҳои забономӯзӣ, аз ҷумла забони русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои ҷалби бештари маҳкумшудагон ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ;
- бештар ба меҳнат фаро гирифтани маҳкумшудагон дар муассисаҳои низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;
- бо ҷойи кор таъмин намудани шахсони аз адои ҷазо озодшуда;
- бо мақсади ташкили ҷойи кор барои маҳкумшудагон ба роҳ мондани истеҳсолот тариқи ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ;
- таъсиси корхонаву коргоҳҳои нави замонавӣ дар муассисаҳои низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;
- ба роҳ мондани механизми самараноки ҳамкории мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо шарикони рушд вобаста ба ҷалби маҳкумшудагон ба меҳнат ва касбомӯзӣ;
- бо роҳи ҷалби вазорату идораҳои дахлдор ба касбомӯзӣ фаро гирифтан ва ба меҳнати музднок ҷалб намудани шахсони аз адои ҷазо озодшуда.

16. Барои рушди бахши истеҳсолии мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва дар ин замина ба меҳнати музднок фаро гирифтани бештари маҳкумшудагон, инчунин барои касбомӯзии онҳо чорабиниҳои зерин амалӣ карда мешаванд:
    - таъсиси коргоҳи коркарди оҳан;
    - васеъ кардани коргоҳи коркарди санг ва ташкили курсҳои ҳунари ҳайкалтарошӣ;
    - васеъ кардани коргоҳи коркарди тахта ва истеҳсоли мебел;
    - таъсиси коргоҳи коркарди дару тирезаҳои алюминӣ;
    - васеъ кардани коргоҳи истеҳсоли маҳсулоти макаронӣ;
    - таъсиси коргоҳи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ;
    - тақвият бахшидани фаъолияти коргоҳҳои дӯзандагӣ.

## 5. БА КАСБОМӮЗИ ФАРО ГИРИФТАН ВА БО ҶОЙИ КОР ТАЪМИН КАРДАНИ ШАХСОНИ АЗ АДОИ ҶАЗО ОЗОДШУДА

17. Ҷиҳати ба касбомӯзӣ фаро гирифтан ва бо ҷойи кор таъмин намудани шахсони аз адои ҷазо озодшуда чораҳои зарурии зерин амалӣ карда мешаванд;
    - дар литсейҳои касбии техникӣ, марказҳои таълимии калонсолон ва марказҳои касбомӯзии дигар ҷалб намудани шахсони аз адои ҷазо озодшуда;
    - гузарондани валидатсияи малакаҳои касбии шахсони аз адои ҷазо озодшуда ва ба онҳо таъмин намудани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ (шаҳодатнома);
    - дар ҳамкорӣ бо мақоми ваколатдор дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ муайян намудани ҷойҳои кории холӣ ва бо ҷойи кор таъмин кардани шахсони аз адои ҷазо озодшуда.

## 6. НАТИҶАҲОИ ЧАШМДОШТ АЗ АМАЛИШАВИИ БАРНОМАИ МАЗКУР

18. Амалӣ намудани тадбирҳои пешбининамудаи Барномаи мазкур ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, аз нав барқарор намудани коргоҳҳои истеҳсолӣ, азнавсозию муҷаҳҳазгардонии коргоҳҳо, нигоҳдорӣ ва ташкили ҷойҳои корӣ барои маҳкумшудагон ва аз ҳама муҳим чораҳои таъсиррасонии тарбиявӣ барои ислоҳшавии маҳкумшудагон мусоидат менамояд.
19. Мусоидат барои соҳибкасб шудан ва баъди озодшавӣ бо шуғл фаро гирифтани маҳкумшудагон ва ниҳоят омили пешгирии содиршавии ҷинояти такрорӣ ба шумор меравад.
20. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда, ҷалби бештари маҳкумшудагон ба меҳнат ва соҳибкасб гардидани онҳо, ичунин тақвият додани корҳо ва ба нақша гирифтани чорабиниҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

- беҳтар намудани шароити иқтисодию иҷтимоии нигоҳдории маҳкумшудагон;
- вусъат бахшидани фаъолияти корхонаҳои истеҳсолии муассисаҳои низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ба роҳ мондани омӯзиши касбу ихтисосҳо дар литсейҳои касбии техникӣ;
- таъсис додани литсейҳои касбии техникӣ дар муассисаҳои низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва муҳайё намудани шароити таълиму тарбия дар онҳо;
- бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз гардонидани литсейҳои касбии техникии назди муассисаҳои низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;
- таҳия намудани нақша ва барномаҳои таълимӣ барои касбу ихтисосҳои омӯхташаванда ва коркарди дастурҳои таълимию методӣ;
- дуруст ба роҳ мондани интихоб зимни омӯзиш ва ба касбу кори гуногун ҷалб намудани маҳкумшудагон ва шахсони аз адои ҷазо озодшуда;
- ташкил намудани курсҳои кутоҳмуддати касбомӯзӣ дар заминаи литсейҳои касбии техникии назди муассисаҳои низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;
- беҳтар намудани раванди таълиму тарбия, баланд бардоштани сатҳи донишазхудкунии хонандагон ва малакаи касбии онҳо;
- дар корхонаҳои истеҳсолии муассисаҳои низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ташкил ва гузарондани такмили ихтисоси омӯзгорони фанҳои тахассусӣ ва устоҳои таълими истеҳсолии литсейҳои касбии техникии назди муассисаҳои низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;
- дар литсейҳои касбии техникӣ, марказҳои таълимии калонсолон ва марказҳои касбомӯзии дигар ба омӯзиши касбу ҳунар ҷалб намудани шахсони аз адои ҷазо озодшуда;
- дар ҳамкорӣ бо мақоми ваколатдор дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ муайян намудани ҷойҳои кории холӣ ва бо ҷойи кор таъмин намудани шахсони аз адои ҷазо озодшуда;
- баланд бардоштани сатҳ ва такмили малакаю маҳорати касбӣ, салоҳиятнокии ҳайати мутахассисони марказҳои илмию методӣ, дониш ва баланд бардоштани касбияти тахассусии онҳо;
- ҳамгироии дубораи маҳкумшудагон ва шахсони аз адои ҷазо озодшуда дар ҷомеа бо роҳи фарогирииии онҳо ба касбомузӣ ва ҷалб ба меҳнати музднок;
- давра ба давра сохтмон, барқарор ва таҷдид намудани ниҳодҳо барои омӯзиши касбии маҳкумшудагон;
- фароҳам овардани шароити муносиби корӣ барои маҳкумшудагон ва шахсони аз адои ҷазо озодшуда;
- такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, маблағгузории мукаммал, рушди илмию методии ниҳодҳои омӯзиши касбии маҳкумшудагон;
- таъсиси заминаи мувофиқ барои омӯзиши касб ва бо ҷойи кор таъмин кардани маҳкумшудагон ва шахсони аз адои ҷазо озодшуда;
- таъминоти босифати омӯзиши касб ва андешидани чораҳо ҷиҳати бо ҷойи кор таъмин кардани маҳкумшудагон ва шахсони аз адои ҷазо озодшуда;
- таҳкими заминаи моддию техникии ниҳодҳои омӯзиши касбии маҳкумшудагон;
- таҳия, нашр ва дастрас намудани маводди таълимию методӣ барои ниҳодҳои омӯзиши касбии маҳкумшудагон;
- таҳия намудани тартиби мониторинги сифати омӯзиш ва ба касбу кори гуногун ҷалб намудани маҳкумшудагон ва шахсони аз адои ҷазо озодшуда барои арзёбии сифати иҷрои Барномаи мазкур.

## 7. МАБЛАҒГУЗОРИИ БАРНОМАИ МАЗКУР

21. Маблағи умумии амалисозии Барномаи мазкур ба андозаи 66 855 000 сомонӣ муайян шудааст, ки он аз ҳисоби сарчашмаҳои сармоягузории дохилию хориҷӣ ва маблағҳои шарикони рушд ва бахши давлатию хусусӣ амалӣ карда мешавад.
22. Сарчашмаҳои асосии маблағгузории Барнома иборатанд аз:

- маблағҳои буҷети давлатӣ - 10 000 000 сомонӣ;
- маблағҳои шарикони рушд - 47 420 000 сомонӣ;
- маблағҳои бахши хусусӣ - 9 435 000 сомонӣ.

## 8. МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ АМАЛИГАРДОНИИ БАРНОМАИ МАЗКУР

23. Мониторинг ва арзёбии Барномаи мазкур аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.
24. Мониторинг ва арзёбии Барнома мутобиқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, № 615 «Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузаронида мешавад.

## 9. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

25. Барномаи мазкур дар давраи амалисозии он барои солҳои 2025-2030 дар ду марҳила бо қабули нақшаи амал ва бо дарназардошти натиҷагириҳои он амалӣ карда мешавад.
26. Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил, ҳамоҳангсозӣ, арзёбӣ ва назорати корҳоро оид ба амалишавии Барномаи мазкур иҷро карда, тибқи тартиби муқарраргардида ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод менамояд.

Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28 феврали соли 2025, № 144

## Нақшаи амали Барномаи омӯзиши касбӣ ва бо ҷойи кор таъмин намудани маҳкумшудагон ва шахсони аз адои ҷазо озодшуда барои солҳои 2025-2030 дар солҳои 2025-2027

Ниг. ба Замима